Рўзнома аз соли 1924 мебарояд

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

Номҳои пешинаи рўзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РЎЗНОМАИ КЕНГАШИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ЎЗБЕКИСТОН

15 ноябри соли 2003. Шанбе № 88 (12931)

Дар фурўш нархи озод. Рўзнома соати 18.00 имзо гардид.

## Пазирой дар қароргоҳи Оқсарой



***Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов 13 ноябр дар қароргоҳи Оқсарой ноиб-президенти Бонки умумиҷаҳонӣ Шигео Катсуро пазируфт.***

Ўзбекистон аз солҳои аввали истиқлолият бо Бонки умумиҷаҳонӣ ҳамкории самарабахш дорад. Ин муассисаи байналхалқии молиявӣ иштирокдори бисёр лоиҳаҳои бузург дар кишвари мо мебошад.

Дар рафти вохўрӣ Ислом Каримов қайд намуд, ки иштироки чунин як намояндаи баландмартабаи Бонки умумиҷаҳонӣ дар Конфронси вазоратӣ оид ба ҳамкории иқтисодии минтақавӣ, ки дар Тошканд таҳти сарварии Бонки рушди Осиё мегузарад, мақоми ин тадбирро баланд мебардорад.

Сарвари кишвари мо зикр сохт, ки саъйи Бонки умумиҷаҳониро оид ба расонидани кўмак дар амиқгардонидани ислоҳоти иқтисодии Ўзбекистон баланд арзёбӣ менамояд ва умед намуд, ки таҳкими эътидоли макроиқтисодӣ, ҷорӣ намудани озодтабодулии пурраи асъори миллӣ оид ба муомилоти ҷории байналхалқӣ дар ин самт имкониятҳои навро ба миён меоваранд. Бо техника таҷҳизонидан ва нав сохтани маҷмўи саноати аграрӣ бо роҳи ҷорӣ намудани технологияи сарфакунандаи об дар маҷмўъҳои обёрӣ ва стансияҳои насосӣ, азхуд намудани технологияҳое, ки имкон медиҳанд энергияро дар соҳаҳои техникаи электронӣ, кимиё ва дигар ҷабҳаҳои саноат сарфа намоянд, дастгирии ислоҳоти соҳаи хоҷагии коммуналӣ, системаи таълим бо назардошти таъмин намудани мактабҳои миёна бо техникаи компютерӣ ва вобаста намудани онҳо ба Интернет, кўмак ба ҷабҳаи ҳифзи сиҳҳат бинобар бо техникаи ҳозиразамони тиббӣ муҷаҳҳаз намудани нуқтаҳои табобатии деҳот, ҳамчунин ҳамкорӣ дар ислоҳоти сектори молиявӣ самтҳои бартариноки ҳамкории Ўзбекистон ва Бонки умумиҷаҳонӣ муайян шудаанд. Доир ба масъалаҳои кушодани лоиҳаҳои нави якҷоя мубодилаи муфассали афкор ба амал омад, самтҳои нави ҳамкорӣ муҳокама шуданд.

***Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон Ислом Каримов 12 ноябр дар қароргоҳи Оқсарой ҷонишини директор-маъмури Бунёди байналхалқии асъор (ББА) Шигеметсу Сугисакиро пазируфт.***

—Ўзбекистон ба васеъ намудани ҳамкорӣ бо ББА эътибори бузург медиҳад ва пуштбонии ин созмони байналхалқии молиявиро нисбати ислоҳоте, ки дар Ўзбекистон гузаронида мешаванд, баланд арзёбӣ менамояд,—гуфт сарвари давлати мо.

Ўзбекистон бо ББА фаъолона ҳамкорӣ менамояд. Бахусус дар якуним соли охир ин ҳамкорӣ хеле пурсамар гардид. Дар тўли ин муддат «Нақшаи амалиёт оид ба таъмини озодтабодулии асъори миллӣ оид ба муомилоти ҷории байналхалқӣ» татбиқ гардид. Ин имкон дод, ки аз 15 октябри соли 2003-юм озодтабодулии сўм бинобар меъёрҳои моддаи VIII Моддаҳои Муоҳидаи ББА таъмин гардад.

Дар соли 2002 ҳукумати Ҷумҳурияти Ўзбекистон бо ББА Меморандумро оид ба масъалаҳои сиёсати иқтисодӣ ва молиявие, ки чораҳои мушаххасро оид ба минбаъда амиқ гардонидани ислоҳоти иқтисодии ҷумҳурият, аз он ҷумла, озодкунии бозори асъорро дар назар дорад, ба амал татбиқ намуд.

Роҳбарияти ББА қарори ҳукумати Ўзбекистонро дар бобати куллан озод кардани бозори асъор баланд арзёбӣ намуд ва тайёр будани худро барои расониданни ёрии зарурӣ изҳор кард. Гуфтугўҳои амалии байни Ўзбекистон ва ББА ба иҷрои пеш аз мўҳлати тадбирҳои дар Нақшаи амалиёт нишондодашуда имкон доданд.

Системаи мувофиқсозии асъор ва қонунгузории Ўзбекистон ҳоли ҳозир ба талаботи моддаи VIII Моддаҳои Муоҳидаи ББА куллан мувофиқат мекунанд.

Дар рафти сўҳбат дар қароргоҳи Оқсарой оид ба масъалаҳои боз ҳам васеъ намудани ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқии молиявӣ, аз он ҷумла бо ББА бо мақсади бомуваффақият идома додани ислоҳоти иқтисодӣ дар Ўзбекистон, ҳамчунин оид ба дигар масъалаҳое, ки ҳар ду ҷониб ба он рағбат доранд, мубодилаи афкор ба амал омад.

**(ЎзА).**



**Кишти ғаллаи тирамоҳӣ дар авҷ**

***Вилояти Сурхондарё.*** *Дар ноҳияи Ангор кишти ғаллаи тирамоҳӣ табъи дил идома дорад. Имсол ноҳия дар 6026 гектар майдон ғалла коштанист. То имрўз дар 2500 гектар майдон тухмӣ пошида шуд. Ба саҳроҳо навъҳои «Крошка», «Паловчанка» ва «Чиллакӣ»-ии гандумро мекоранд.*

*Ҷамоаи хоҷагии ширкати «Новшаҳар»-и ноҳия пештози мавсим аст. Аллакай дар 506 гектар майдони хоҷагӣ (ҷамъ 1300 га) ғалла кошта шуд. Омодагии ҳамаҷониба ва таъмири саривақтии техника самараи матлуб мебахшад.*

*Пасу пеш ба майдонҳои кошташуда об мемонанд.*

***Дар акс:*** *ҳосилоти хоҷагии ширкатии «Новшаҳар»* ***Қурбон Қиличев****, пудратчӣ* ***Эшпўлод Худойназаров*** *ва муҳандис* ***Холтоҷӣ Чориев****ҳо дар сари кор.*

***Аксбардор: Искандар ХЎҶАЕВ (ЎзА).***

Дар Олий Маҷлис

## Мубоҳиса дар мавзўи муҳим

***Дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон ҷамъомади «мизи мудаввар» дар мавзўи «Оид ба масъалаҳои такмил додани қонунгузории Ҷумҳурияти Ўзбекистон бинобар ҷиноятҳои компютерӣ» ба амал омад.***

***Қумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт ва алоқа, Оҷонсии алоқа ва иттилооти Ўзбекистон, Институти мониторинги қонунгузории дар амал будаи назди Олий Маҷлис, Барномаи «Ташаббуси инкишофи рақамӣ» БТСММ, Лоиҳаи «Ташаббуси умумӣ оид ба сиёсати Интернет (ТУСИ)» созмондиҳандагони ин ҷамъомад гардиданд. Дар кори он намояндагони корпусҳои депутатӣ, мақомоти идораи давлатӣ, созмонҳои байналхалқӣ, ҷамоаҳои илмӣ иштирок намуданд.***

Дар ҷамъомад, ки онро раиси Кумитаи Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт ва алоқа И.Кочмарик сарварӣ намуд, масъалаҳои вобаста ба вазъият ва такмили пешомадноки қонунгузории Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар бораи ҷиноятҳои компютерӣ баррасӣ шуданд.

Ба ҳама маълум аст, ки солҳои охир дар ҷумҳурият ба инкишофи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ (ТИК) ва васеъ намудани ҷабҳаҳои истифодаи онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ эътибори зиёд дода мешавад, зикр гардид дар ҷамъомад. Якчанд ҳуҷҷатҳои қонунгузорие, ки ба беҳ сохтани шароитҳо барои инкишоф ва имкониятҳои истифодабарии ТИК бо мақсади тезонидани инкишофи умумии иқтисодии кишвар ва баланд бардоштани самарабахшии амалиёти мақомоти идораи давлатӣ нигаронида шудаанд, омодаи қабул дар Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ўзбекистон мебошанд.

Вале, зикр гардид дар ҷамъомад, — чунонки таҷрибаҳои кишварҳои хориҷӣ гувоҳӣ медиҳанд, баробари инкишоф ёфтани ТИК дар ҷамъият гурўҳи нави вайронкунандагони қонун ба миён меоянд. Бинобар ин баробари таҳия ва қабул намудани ҳуҷҷатҳои нави норамативие, ки ба инкишофи ТИК нигаронида шудаанд, бояд ҳуҷҷатҳои қонунгузорие кор карда ва қабул гарданд, ки ҷавобгариро барои чунин қонунвайронкуниҳо таъин месозанд. Барои ҳаллу фасли ин масъалаҳо ба базаи ҳуқуқии мавҷуда бояд назари ҷиддӣ афканда шавад.

Дар рафти ҷамъомад масъалаҳои гуногуне, ки ба истифода намудани муносибатҳои ҳуқуқӣ дар ҷабҳаи ТИК ва такмил додани қонунгузории Ўзбекистон дар соҳаи ҳуқуқвайронкуниҳои компютерӣ вобастаанд, баррасӣ шуданд. Муҳокима дар сурати мубоҳисаи озод, саволу ҷавобҳо ва шаклҳои гуногуни табодули афкор ба миён омад. Ҳамзамон таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва ҳамҷамъияти байналхалқӣ дар соҳаи ҷиноятҳои компютерӣ мавриди таваҷҷўҳ қарор гирифт.

**Турсунбой БОТИРБЕКОВ,**
**мухбири ЎзА.**

## Ба иштирокдорони конфронси вазоратӣ оид ба ҳамкории иқтисодии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ

Меҳмонони мўҳтарам!

Пеш аз ҳама шумо — иштирокдорони Конфронси вазоратӣ оид ба ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказиро дар Тошканд муборакбод намуда, меҳоҳам ҳурмату эҳтироми худро изҳор намоям.

Мо нақши Бонки рушди Осиёро, ки яке аз ташаббускорони асосии ғояи амиқ гардонидани ҳамкории иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ ва мувофиқсозандаи гузаронидани чунин як Конфронси сернамоянда барои коркард ва татбиқи лоиҳаҳои бартариноки якҷоя мебошад, баланд арзёбӣ менамоем.

Таҷриба ва мантиқи инкишофи кишварҳои минтақа қонунмандии амиқгардонии робитаҳои иқтисодии минтақаро тасдиқ менамоянд ва барои навсозии ҷамъият ва инкишофи ҳамкорӣ дари имкониятҳои бемонандро боз мекунанд. Имрўз беш аз ҳарвақта мо имкон дорем, ки иштирокдори комилҳуқуқ ва баробарҳуқуқи равандҳои дигаргуниҳои азим бошем, ҷалб шудани давлатҳои Осиёи Марказиро ба системаи нави муносибатҳои байналхалқӣ ва алоқаҳои умумиҷаҳонии хоҷагидории асри XXI таъмин намоем.

Давлатҳои Осиёи Марказӣ таърихан алоқаҳои мустаҳками муносибатҳои иқтисодӣ доранд. Минтақаи мо бинобар ҷойгиршавиаш ва аз нуқтаи назари иқтидори ғановатмандаш, барои ба амал ҷорӣ намудани лоиҳаҳои пешомадноки байналхалқӣ имкониятҳои васеъ дорад, ин чиз пеш аз ҳама дар ҷабҳаи истифода бурдани захираҳои моддиву ашёвӣ, обу энергетика ва коммуникатсия ба чашм мерасад.

Минтақаи Осиёи Марказӣ бинобар мавқеи ҷуғрофии худ ва иқтидорҳои бузурги транзитӣ тамоми имкониятҳоро дорад, ки дар инфрасохтори бузурги коммуникатсионӣ мақоми сазоворро ишғол намояд, яке аз «пулҳои» асосии байниқитъавии нақлиёт байни Аврупо ва Осиё бошад.

Самти бартариноки ҳамкории воқеии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ соҳаи коммуникатсияҳои нақлиётие мебошад, ки ба ҳаллу фасли мушкилоти ба ном «деанклавизатсия»-и минтақа маъруфанд. Мо чунин мешуморем, ки маҳз инкишоф додани самтҳои магистралии нақлиётӣ, на самтҳои «сарбаста» барои баромадан ба коммуникатсияҳои тамоми ҷаҳон хеле муҳим ҳастанд. Ба вуҷуд овардани роҳҳое, ки Осиёи Марказӣ ва Кавказро бо Аврупо ва кишварҳои минтақаи Осиёву Уқёнуси ором бинобар «Роҳи бузурги абрешим» мепайванданд, ба наздикшавии кишварҳои минтақа мусоидат менамоянд, барои маҷмўан ҳал намудани масъалаҳои рушди иқтисодии онҳо кўмак мерасонанд.

Мақсади муҳими ҳамкорӣ дар инкишофи инфрасохтори энергетикӣ баланд бардоштани самарабахшии маҷмўи гармидиҳиву энергетикие ба шумор мераванд, ки бояд ба раванди сарпур сохтани захираҳои кишварҳои мо асос намоянд.

Ин самтҳои ҳамкорӣ баъд аз мўътадил гардидани вазъият дар Афғонистон ва татбиқи барномаи ҳамкории байналхалқӣ боз ҳам рўзмарра мегардад. Нақшаҳои азиме, ки оид ба барқарор сохтани иқтисодиёти ин кишвар бурда мешаванд, бояд дар қаринаи (контекст) умумии инкишоф ва ҳамзистии минтақа дида баромада шаванд.

Бо назардошти ин аз ҷониби таъмингарон (донорҳо)-и пешоҳанги байналхалқӣ дастгирӣ ёфтани ташаббусҳои Бонки рушди Осиё хеле муҳим аст. Ҳамчунин васеъ ҷалб сохтани онҳо дар татбиқи барномаҳои минтақаи Осиёи Марказӣ муҳим ба шумор меравад.

Ўзбекистон мувофиқатномаҳои ҳамкориҳои бартаринокро ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд ва тайёр аст дар татбиқи якҷояи лоиҳаҳои минтақавӣ дар ҷабҳаҳои нақлиёт, тиҷорат ва энергетика, ки ба манфиатҳои миллии кишварҳои минтақа ҷавобгў ҳастанд, фаъолона иштирок намояд.

Умедвор ҳастам, ки дар рафти Конфронси вазоратии Тошканд роҳҳои мусоиде бинобар коркард ва ба амал татбиқ намудани барномаҳои бартариноки минтақавие, ки ба амиқ гардонидани ислоҳоти бозорӣ, васеъ намудани иқтидори содирот ва баланд бардоштани сатҳи ҳаёти аҳолии кишварҳои мо нигаронида шудаанд, андешида мешаванд.

Ба тамоми иштирокдорон дар гузаронидани Конфронс кори пурсамар ва бомуваффақиятро орзу мекунам.

**Ислом КАРИМОВ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон.**

## ББА маъқул донист

**Шўрои иҷроияи Бунёди байналхалқии асъор ўҳдадории Ҷумҳурияти Ўзбекистонро, ки оид ба таъмини озодтабодулии асъори миллӣ бинобар муомилоти ҷории байналхалқӣ қабул намудааст, маъқул донист.**

Чунон ки маълумоти матбуоти расмии ББА аз 11 ноябри соли равон хабар медиҳад, ҳукумати Ҷумҳурияти Ўзбекистон Бунёди байналхалқии асъорро пештар аз он чиз хабардор намуд, ки вай аз 15 октябри соли 2003-ум мувофиқи қисматҳои 2 (а), 3 ва 4 моддаи VIII Моддаҳои Муоҳадаи ББА ўҳдадор мешавад..

Ўзбекистон бо ББА аз соли 1992-ум ҳамкорӣ дорад, вале давраи пурсамари ҳамкорӣ ба 1,5 соли охир рост меояд, ки дар тўли он «Нақшаи ҳаракат оид ба таъмини озодтабодулии асъори миллӣ бинобар муомилоти ҷории байналхалқӣ» татбиқ гардид, ки таъмини озодтабодулии сўмро дар охири соли 2003-ум дар назар дошт.

Гуфтушуниди конструктивӣ дар байни Ўзбекистон ва ББА имкон дод, ки тамоми тадбирҳои дар Нақшаи ҳаракат нишон додашуда пеш аз мўҳлат иҷро гарданд.

Чунон ки ББА қайд менамояд, таъмини озодтабодулии асъори миллиро ба амал бароварда, Ўзбекистон ҳамҷамъияти байналхалқиро воқиф намуд, ки дар инкишофи системаи пардохти байналхалқӣ саҳм мегирад.

Махсус қайд гардид, ки Ҷумҳурияти Ўзбекистон ба озодтабодулии асъори миллӣ оид ба муомилоти ҷории байналхалқӣ бидуни гирифтани қарз аз ББА ва дигар идораҳои молиявӣ ба даст овард. Ин чиз ба шарофати гузаронидани сиёсати қатъии монитарӣ ва фискалӣ, сиёсати консервативии қарзҳои берунӣ ва умуман беҳ гардидани муҳити макроиқтисодии кишвар муяссар гардид.

**ЎзА.**

## Супурдани эътиборномаҳо

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурияти Ўзбекистон дар Ҷумҳурияти Фаронса Ҳ.Кароматов эътиборномаи худро ба Директори генералии ЮНЕСКО К.Матсуура супурд.

Дар рафти сўҳбате, ки баъд аз маросими супурдани эътиборнома ба амал омад, К.Матсуура зикр намуд, ки Ўзбекистон яке аз ҷорикунандагони асосии ғояҳои ин созмон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, вай ҳамчунин ташаббускори лоиҳаҳои васеъмиқёси ЮНЕСКО мебошад, ки ба татбиқи стратегияи миёнамўҳлат барои давраи то соли 2007-ум нигаронда шудааст.

◆◆◆

Худи ҳамин рўз маросими эълони барандагони ҷоизаи озмуни соҳибистеъдодҳои шифоҳӣ ва ғайримоддии мероси инсоният ба амал омад. Ҳакамоти байналхалқӣ аз 70 номгўй асари пешниҳоднамудаи кишварҳои аъзои он ҳамагӣ 28 асарро интихоб карданд. Дар байни онҳо мусиқаи классикии Осиёи Марказӣ — «Шашмақом» ҳам буд, ки Ҷумҳурияти Ўзбекистон пешбарӣ намудааст.

Дар чаҳорчўбаи тадбири мазкур маросими супурдани ҷоизаи ЮНЕСКО дар «Таронаи Самарқанд», ки соли 2001-ум Президенти Ўзбекистон И.Каримов таъсис дода буд, баргузор гардид. Мувофиқи қарори ҳакамоти байналхалқӣ ҷоиза аз ҷониби намояндаи доимии Ўзбекистон дар назди ЮНЕСКО ба мероси фолклории Куба «Ла тумба Франсеска» супурда шуд.

**ОИ «Ҷаҳон».**



## Ба марра расиданд

Хушхабар болу пар дорад, мегўянд дар урфият, ки ҳақ асту рост.Хабари ба марраи мурод расидани сарпудратчӣ Комилҷон Эргашев на фақат дар хоҷагии ширкатии «Олмос», балки дар ноҳияи Чуст бо зудӣ паҳн гардид. Ин комёбӣ бештар деҳқонони хоҷагиро шод намуд.

Заршиносон қитъаҳои пахтаро ба пудрати оилавӣ тақсим карда аз аввали баҳор бо ғайрати дучанд меҳнат карданд. Маҳз ба туфайли сари вақт обёрикунӣ ва ба қоидаҳои агротехникӣ риоя намудан, ҳосили фаровони «тиллои сафед» ба даст омад.

Зафармандон маъракаи ҷамъоварии ҳосили пахтаро низ дар ноҳия аз аввалинҳо шуда сар карда буданд. 60 гектар майдони пахта дар ихтиёри онҳост. Аз ҳар гектар 30 сентнерӣ, ҷамъ 180 тонна ҳосил ғундошта шуд.

Ба ин комёбӣ Абдурашид Раҳимов, Баҳромҷон Набиев барин пудратчиёни оилавӣ, Ортиғой Суюмова, Қаноат Ҷўраева, Раъно Шокирова барин чинакчиёни чобукдаст саҳми муносиб гузоштанд.

Ҳоло дар майдонҳои сарпудратчии пешқадам Комилҷон Эргашев ҳосил зиёд аст. Онҳо имкониятҳояшонро ба ҳисоб гирифта ўҳдадор гаштаанд, ки то охири мавсим, аз ҳар гектар боз 10 сентнерӣ, ҷамъ 65 тонна пахта супоранд.

**А. МУРОДОВ.**

**Дар акс:** сарпудратчӣ **Комилҷон Эргашев** дар пахтазор.

**Суратгир муаллиф.**

## Ҳосили бобарор

Пахтакорони ширкати хоҷагии «Косон»-и ноҳияи Косон мисли ҳарвақта имсол ҳам дар вилояти Қашқадарё яке аз аввалинҳо шуда супоришоти шартномавии ба давлат фурўхтани пахтаро иҷро намуданд. Онҳо аз 755 гектар майдон то ҳол 2 ҳазору 350 тонна ҳосил гирифтанд, ки он мувофиқи нақшаи солона 300-400 тонна зиёд аст. Аз ҳар гектар замин андаряк 31 сентнерӣ ҳосил ба даст оварда шуд. Даромад бошад 590 млн сўм, фоидаи соф 100 млн. сўмро ташкил дод. Барои парваришу ғунучини пахта иҷорачиён, пудратҳои оилавӣ ва толибилмони Институти муҳандисии Қашқадарё, коллеҷҳои педагогию иқтисодӣ, мактаб-бизнес ва дигар ҳашарчиён саҳми калон гузоштанд. Дар ин бобат хизмати Шералӣ Ҳазратов (ў аз 98 тонна зиёд пахтаи навъи якум супорида, аз ҳар гектар майдони пахта 37 сентнерӣ ҳосил ва 29 млн. сўм даромад гирифтааст) шоёни таҳсин аст. Панҷӣ Сабриев (мувофиқи шартнома бояд 91 тонна пахта супорад, ҳоло дар хирмани ў 144 тонна пахта ҷамъ шудааст, аз 1 гектар майдон 41 сентнерӣ ҳосил ба даст овардааст.

Иқтисодчии ширкати хоҷагии «Косон» Санокул Мирзоев дар аснои сўҳбат инчунин номҳои Шавкат Темуров, Элмурод Ҳазратовҳоро ҳам бо ифтихор қайд намуд. Дар ин ҷо барои чинакчиён-ҳашарчиёни аз шаҳри Қаршӣ ва ноҳияи Яккабоғ омада шароитҳои мусоид фароҳам оварда шудааст. Барои подоши меҳнати 700 нафар чинакчии ширкат 56 млн. сўм маблағ сарф намуд. Раиси хоҷагӣ Зайниддин Ҳамроеврo бошад имрўзҳо дар дафтари кориаш ёфтан осон нест. Ў шабу рўз барои ҷамъоварии «тиллои сафед» дар ҳудуди 755 гектар майдони пахта давуғеҷ дорад. Зеро дар ҷўякҳои пахта ҳосил бисёр.

Майдони умумии ширкати хоҷагии Косон 1600 гектарро ташкил медиҳад. 12.000 нафар аҳолӣ дар ин ҷо истиқомат мекунад, 6 мактаби миёна дорад. Аҳли хоҷагӣ супоришоти шартномавиро дар соҳаи ғаллакорӣ ҳам яке аз аввалинҳо шуда иҷро намуда аз он 114 млн. сўм даромад гирифт. Ширкат аз ҷамъоварии фурўши мева низ даромад мегирад.



—Имсол ҳосили дарахти анор нағз нашуд, — мегўяд Санокул Мирзоев, — сабаб: мо ду сол боз барои зебоӣ сафедори калифорниягӣ шинонда будем, кирм доштааст. Дар ин ҷо баҳри бою ғанӣ гардондани маънавияти аҳли ширкат ҳам тадбирҳои мухталиф андешида мешавад. Соли гузашта аҳли хоҷагӣ барои обуна як миллион сўм маблағ ҷудо намуданд. Имсол ҳам барои бештар ба нашрҳои даврӣ обуна шудан ҷидду ҷаҳд доранд.

**Улдон ҚАРАЕВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

## Барои имкониятҳои нав

Аз паи Фармон

Дар ҳайати ширкати хоҷагии фермерии ба номи Ибни Синои ноҳияи Нишони вилояти Қашқадарё 123 фермер фаъолият мебаранд. Соли равон фермерҳои ширкат аз ҳар гектар 52 сентнерӣ ғалла бардоштанд. Деҳқононе, ки дар пахтакорӣ ҳам таҷрибаи бой доранд, 3147 тонна «тиллои сафед» ғундоштанд.

—Фармони Президенти кишвар «Дар бораи консепсияи инкишофи хоҷагиҳои фермерӣ дар солҳои 2004-2006» хеле саривақтӣ буд, — мегўяд раиси хоҷагии фермерии «Расулота»-и ширкат Абдурасул Йўлдошев. — Дар фармон гуфта шудааст: «ба Вазорати иқтисодиёт, Вазорати кишоварзӣ ва хоҷагии оби Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки бо вазоратҳо ва идораҳои дахлдор аз ибтидои соли 2004 механизмҳои бозории бастани шартномаҳо ва хариди маводҳои сўзишворию равғанӣ, нуриҳои минералӣ, озуқаворӣ, тухмӣ ва дигар захираҳои барои ташкили истеҳсоли хоҷагии қишлоқ зарурииро бо хоҷагиҳои фермерӣ кор карда бароянд ва ба амал ҷорӣ намоянд». Ин чорабинӣ барои пешгирии норасоии захираҳо хеле судманд аст.

Аллакай чандин сол аст, ки хоҷагии кооперативии «Гувалак»-и ноҳияи Косон аз ҷиҳати иқтисодӣ муфлис шумурда мешуд. Баъд аз ба ширкати хоҷагии фермерӣ табдил дода шудани он майдонҳои кишт дар асоси конкурс ба 247 фермер тақсим карда шуданд. Соле нагузашта натиҷаҳои ислоҳот ба чашм расид. Кооперативе, ки дар тўли чаҳор сол ягон бор супоришоти шартномавиро иҷро накарда буд, баъд аз ба ширкат табдил ёфтанаш дар ноҳия яке аз аввалинҳо шуда ба мақсад расид. Ба давлат 740 тонна пахта супурда шуд.

**Фахриддин БОЗОРОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

